# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «9» апрели соли 2021 №38 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Рустам), тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои сиёсӣ Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, номзади илмҳои сиёсӣ Саидов Алихон Савзаевич, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: муқарризони ғайрирасмӣ Нуриддинов Р.Ш., Мирзоев Н.М., Шоисматуллоев Ш., Саидов Ҳ.С., Майтдинова Г.М., Латипов Ҷ.М.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимовичро бо дипломи номзади илмҳои сиёсӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.Ш.**